# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои муштараки диссертатсионӣ аз 11.06.2026, №8

Барои сазовор донистани Каримзода Саъдулло Салим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми санъатшиносӣ.

Диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон (734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода, 155; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали соли 2026, таҳти №50/шд), аз 2-юми апрели соли 2026, суратмаҷлиси №6 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Каримзода Саъдулло Салим 26-уми августи соли 1981 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2004 факултети мусиқии тоҷики Консерваторияи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Солҳои 2005-2008 дар шуъбаи аспирантураи Консерваторияи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст. Айни ҳол дар вазифаи донсенти кафедраи сароядагии анъанавии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраҳои таърих ва назарияи мусиқӣ ва сарояндагии анъанавии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи мусиқии факултети иҷрокунандагии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов **Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзода** мебошад.

**Муқарризони расмӣ:** Охониёзов Варқа Дустович – доктори илмҳои филологӣ, фолклоршинос, ходими пешбари илмии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Худойбердиев Султоналӣ – номзади илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих, назария ва методикаи таълими мусиқии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки тақризи худро бо имзоҳои раиси ҷаласа – директори Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои филологӣ Аминзода Абдуфаттоҳ, эксперт – докори илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи воситаҳои ахбори омма ва табъу нашри Пажӯҳишгоҳ Ҷумъазода Меҳроб Одина, котиби илмии ҷаласа – Исоев Қадриддин ва имзою муҳри директор ва нозири кадрҳои муассиса, пешниҳод кардааст. Дар тақриз қайд шудааст, ки диссертатсияи номзадии Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илми санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 71-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки бо дарназардошти он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи докторони илм дар соҳаи санъатшиносӣ маҳдуд буда, қисме аз мутахассисони дорои дараҷаи илмии мазкур бинобар сабабҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ (ишғоли вазифаи роҳбари илмӣ, раиси шуро, роҳбари муассиса ва ғайра) наметавонанд ба сифати муқарризи расмӣ ҷалб гарданд, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ мувофиқи талаботи бандҳои 67-71-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутахассиси соҳаи наздики илмиро тасдиқ намудааст, ки дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд ва мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 29 маводи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Инчунин, довталаби дараҷаи илмӣ дар нашри монография ва маводи таълимӣ саҳм дорад. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро ба таври равшан собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Каримов, С.С. Моҳияти фалаки кӯлобӣ дар мусиқии суннатии минтақаи Кӯлоб [Матн] / С.С. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/7. – С. 225-231.

[2-М]. Каримов, С.С. Мактаби суннатии фалакхонӣ: моҳият, фаъолият ва рушди он дар фарҳанги Тоҷикистони муосир [Матн] / С.С. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 248-253.

[3-М]. Каримзода, С.С. Мавқеъ ва моҳияти системаи чормуқом дар фалаки Бадахшон [Матн] / С.С. Каримзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 161-166.

[4-М]. Каримзода, С.С. Нақши сози бунёдӣ-системавӣ дар фалакхонӣ [Матн] / С.С. Каримзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ, таърих ва археология. – Душанбе, 2022. – №5 (100). – С. 286-290.

[5-М]. Каримзода, С.С. Мавқеи сози мусиқӣ дар суннатҳои фалакхонӣ: анъанаи фалаки помирӣ [Матн] / С.С. Каримзода // Паёмномаи фарҳанг. Бахши санъатшиносӣ. – Душанбе, 2024. – №1 (65). – С. 82-92.

[6-М]. Каримзода, С.С. Татбиқи усули асл-фаръ дар анъанаҳои Фалак [Матн] / С.С. Каримзода // Паёмномаи фарҳанг. Бахши санъатшиносӣ. – Душанбе, 2025. – №4 (72). – С. 56-65.

[7-М]. Азизӣ, Ф.А., Каримзода, С.С. Жанри Фалак-Мадҳия дар анъанаи фалаки помирӣ (ҳалли композитсионӣ-драматургӣ) / Ф.А. Азизӣ, С.С. Каримзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ, таърих ва археология. – Душанбе, 2026. – №2 (121). – С. 259-270.

### II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашриёҳои дигари илмӣ:

[8-М]. Каримов, С.С. Мафҳуми «чормодарон» дар суннатҳои фалаки кӯлобӣ [Матн] / С.С. Каримов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Нақши муассисаҳои фарҳанг дар густариши тамаддуни ориёӣ» (14-15 апрели соли 2006). – Душанбе, 2006. – С. 76-89.

[9-М]. Каримов, С.С. Модар, Устод, Ҳунарманд (Дар бораи Гулчеҳра Содиқова) [Матн] / С.С. Каримов // Тоҷикистон. – 2008. – №3-4. – С. 28.

[10-М]. Каримов, С.С. Ашъори Рӯдакӣ дар фалак [Матн] / С.С. Каримов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Рӯдакӣ дар санъати тасвирӣ, меъморӣ, театрӣ ва мусиқии тоҷик» (18 апрели соли 2008). – Душанбе, 2008. – С. 170-172.

[11-М]. Каримов, С.С. Мактаби ҳунарии Одина Ҳошим [Матн] / С.С. Каримов // Номаи пажуҳишгоҳ. Вежаномаи мусиқии тоҷикӣ. Фаслномаи пажуҳишҳои эроншиносӣ (соли 8, шумораи 18).– Душанбе, 2009. – С. 168-178.

[12-М]. Каримов, С.С. Фалаки роғӣ: истилоҳ, сохт ва системаи лаҳнӣ [Матн] / С.С. Каримов // Маҷмуаи мақолоти Сеюмин симпозиуми байналмилалии Фалак – «Фалак ва масъалаҳои таърихӣ-назариявии мусиқии тоҷик» (8-10 октябри соли 2009). – Душанбе, 2009. – С. 47-50.

[13-М]. Каримов, С.С. Проявление свойств Шашмакома в музыке таджикского Кухистана [Текст] / С.С. Каримов // Маҷмуаи мақолоти симпозиуми байналмилалӣ таҳти унвони «Бухарский Шашмаком: классическая музыка Средной Азии» (Веймар, Олмон, 01-05 ноябри соли 2011). – Weimar, 2011. – С. 38-40.

[14-М]. Каримов, С.С. Зуҳуроти нуфузи Шашмақом дар мусиқии кӯҳистони тоҷик [Матн] / С.С. Каримов // «Шиҳоби Шашмақом»: маҷмуаи мақолоти симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 100-солагии Фазлиддин Шаҳобов (10-12 майи соли 2011). – Душанбе, 2012. – С.189-201.

[15-М]. Каримов, С.С. Саҳмгузори санъати миллӣ [Матн] / С.С. Каримов // Файзи Ватан. Мақола, мусоҳибаву латоиф. «Шарқи озод», – Душанбе, 2014. – С. 27-30.

[16-М]. Каримов, С.С. Суннати силсилахонӣ дар фалак [Матн] / С.С. Каримов // Маҷмуаи мақолоти Чаҳорумин симпозиуми байналмилалии Фалак «Фалак: услуби пажӯҳиш ва омӯзиш» (9-10 октябри соли 2012). – Душанбе, 2015 – С. 187-192.

[17-М]. Азизӣ, Ф.А., Каримов, С.С. Фалак [Матн] / Ф.А. Азизӣ, С.С. Каримов //Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе: СИЭМТ, 2017. – С. 499-501.

[18-М]. Каримов, С.С., Азизи, Ф.А., Проявление свойств Шашмакома в музыке таджикского Кухистана [Текст] / С.С. Каримов, Ф.А. Азизи // Материалы Всероссийской научно-практической конференции (с Международным участием). «С.Г. Рыбаков и башкирская традиционная культура» (15 декабря 2017 года). – Уфа, 2018. – С. 101-104.

[19-М]. Каримзода, С.С. Таҷлили Рӯзи Фалак – ҷашн дар Консерватория [Матн] / С.С. Каримзода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов). – Душанбе, 2022. – №1. – С. 11-15.

[20-М]. Каримзода, С.С. Мавқеи сози мусиқӣ дар суннатҳои фалакхонӣ: анъанаи фалаки кӯлобӣ (қисми 1) [Матн] / С.С. Каримзода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов). – Душанбе, 2022. – №2. – С. 21-34.

[21-М]. Каримзода, С.С., Азизи, Ф.А. Фалак-маком горных таджиков [Текст] / С.С. Каримзода, Ф.А. Азизи // Материалы Научного симпозиума, проведенного в рамках VI Международного фестиваля «Мир мугама» (20-22 июня 2023 года). – Баку, 2023. – С. 46-55.

[22-М]. Каримзода, С.С. Навъу унсурҳои эргономии созҳо дар анъанаи фалаки помирӣ [Матн] / С.С. Каримзода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов). – Душанбе, 2023. – № 1 (3). – С. 66-75.

[23-М]. Каримзода, С.С. Меъёрҳои жанрии Фалак ва мавқеи онҳо дар мактаби суннатии устод-шогирд [Матн] / С.С. Каримзода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талакбхӯҷа Сатторов). – Душанбе, 2024. – №1 (5). – С. 65.

### III. Монография, китоби дарсӣ, барнома ва дастурҳои таълимӣ:

[24-М]. Азизӣ, Ф.А., Каримов, С.С. Услубҳои суннатии омӯзиш: пажуҳиш ва истифода [Матн] / Ф.А. Азизӣ, С.С. Каримов. – Душанбе, 2013. – 92 с.

[25-М]. Каримов, С.С. Фалакхонӣ. Барномаи таълимӣ [Матн] / С.С. Каримов // Корбурди суннатии Устод ва шогирд. – Душанбе, 2013. – С. 5-8.

[26-М]. Азизӣ, Ф.А., Каримов, С.С. Фалакхонӣ. Барномаи таълимӣ [Матн] / Ф.А. Азизӣ, С.С. Каримов. – Душанбе, 2014. – 31 с.

[27-М]. Фалак. Китоби дарсии амалӣ [Матн] Китоби 1. Мураттиб: Саъдулло Каримов. – Душанбе, 2019. – 400 с.

[28-М]. Азизӣ, Ф.А. ва диг. Экспедитсияи мусиқӣ-этнографӣ: таҷрибаи омӯзишӣ ва амалӣ. Дастури таълимӣ [Матн] / Ф.А. Азизӣ, С.С. Каримзода, М.Р. Бурҳонов, Қ.Д. Лутфишоев ва М.А. Алиев. – Душанбе: «Истеъдод», 2022. – 144 с.

[29-М]. Каримзода, С.С. Мутриби дилнавоз. Дастури таълимии нотавӣ / С.С. Каримзода. – Душанбе: Истеъдод, 2025. – 68 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Асозода

Ҳотам ба диссертатсия мусбат буда, чунин эродҳо ҷой дорад:

1. дар кори диссертатсионӣ роҷеъ ба саҳми фалаксароёни халқӣ дар эҳё ва мақоми ин жанр камтар ишора намуда шудааст;

2. дар автореферат номи чанд муҳаққиқ нишон дода мешавад, аммо дар қавси мураббаъ як асар нишон дода шудааст (с. 13);

3. баъзан хатоҳои услубӣ ба назар мерасанд. (с. 3, 5, 9, 10, 13, 15, 17, 18);

4. иқтибосҳо баъзан бидуни саҳифаҳо нишон дода шудаанд (с. 22, 23);

5. хатоҳои имлоӣ ва китобӣ ҷо доранд (с. 3, 13, 14, 17, 20).

2. Тақризи доктори илми санъатшиносӣ, муовини ректор оид ба масъалаҳои илмӣ, байналмилалӣ ва эҷодии Консерваторияи миллии Озарбойҷон Гусейнова Л.Ш. ба диссертатсия мусбат буда, эрод ҷой надорад.

3. Тақризи дигар ба автореферати диссертатсия, ки ба қалами доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси санъатшиношӣ, омӯзгори кафедраи таърих ва назарияи мақоми Институти миллии санъат ва мусиқии ба номи Юнус Раҷабии Ҷумҳурии Узбекистон Ботирова Нилуфар низ мусбат буда, эродҳо ба назар намерасанд.

4. Дар тақризи номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва ташкилии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент Рафиева Ф.С. ба автореферати диссертатсия тозагии мавзуи таҳқиқ ва арзиши муҳимми рисола қайд гардидааст. Дар тақризи мазкур эрод ҷой надорад.

5. Тақризи устоди Донишгоҳи давлатии Хорӯғ ба номи Моёншо Назаршоев, номзади илмҳои филологӣ Таваккал Ҳайдармамад, ки дар мавзуи диссертатсияи муҳокимашаванда таълифоти илмӣ дорад ба автореферат баҳои мусбат дода, кори диссертатсиониро нахусттаҳқиқ шинохта, дар илми мусиқишиносӣ нахустин бор Фалаки Дарӣ ва Фалаки Сафариро муаррифӣ намуди дисертантро қайд намудааст. Аз тарафи муқарриз баъзе нуктаҳо ҳамчун пешниҳоди илмӣ манзур гардидааст:

1. Бамаврид мебуд, агар диссертант аз пажуҳишҳои муҳаққиқони олмонӣ, мисли Габриэлла ван ден Берг ва олими амрикоӣ Бенҷамин Коен, ки аз хусуси жанри фалаки помирӣ дар таълифоташон фикрҳои ҷолиб доранд, низ истифода мекард.

2. Муфид мебуд, агар диссертант дар баробари намудҳои фалаки помирӣ аз хусуси Хушкафалак ва Фалаки маҷнунӣ низ андеша баён мекард.

6. Тақризи номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сайёҳии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода» Назарова З.Э. мусбат буда дар он эрод ҷой надорад.

7. Тақризи доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикисттон Амирхон

Шоҳҳусайн асосан мусбат буда, эроди ҷиддӣ ба чашм намерасад. Танҳо муқарриз ду ҳолатро бахсталаб унвон намудааст:

1. Қисмати асосноккунии муҳиммияти мавзуъ як андоза мухтасартар таҳия шудааст. Агар, унвонҷӯ бо дарназардошти фазои фарҳангии замони муосир онро бо овардани якчанд далелҳои мушаххас комилтар таҳия мекард, боз ҳам арзиши рисола болотар мегардид.
2. Таъсири жанри фалак ба раванди худшиносии миллӣ ва шуури эстетикии ҷавонон он қадар равшан нест.

**Шурои муштараки диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– хусусиятҳои жанрии анъанаҳои фалаксароии минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон дар асоси усулҳои муосири мусиқишиносӣ ва таҳлили муқоисавӣ **таҳқиқ ва баррасӣ гардидаанд**;
– доираи жанрӣ, хусусиятҳои сохторӣ ва меъёрҳои жанрии фалак дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ **муайян ва мушаххас карда шудаанд**;
– умумият ва тафовути жанрҳои фалак дар муҳити гуногуни иҷрокунандагӣ ошкор гардида, заминаҳои таърихӣ ва ҳунарии ташаккули онҳо **асоснок карда шудаанд**;
– маводи нодири экспедитсияҳои мусиқии этнографӣ ҷамъоварӣ, **таҳлил ва ба гардиши илмӣ ворид карда шудаанд**;
– матнҳои мухталифи жанри фалак аз нуқтаи назари композитсионӣ ва драматургӣ таҳлилу баррасӣ гардида, **хусусиятҳои назариявии онҳо муайян шудаанд**;
– навъҳои жанрии Фалаки Дарӣ ва Фалаки Сафарӣ бори аввал дар илми мусиқишиносии тоҷик **муаррифӣ ва тавсиф гардидаанд**;
– истилоҳи «чорпарда» ҳамчун унвони дигари системаи чормуқом муайян ва аз **ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст;**
– масъалаҳои татбиқи назарияи жанрӣ дар амалияи муосири фалаксароӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои бастакорӣ ва иҷрокунандагӣ, **таҳқиқ ва арзёбӣ шудаанд**;
– нақш ва ҷойгоҳи фалак ҳамчун яке аз муҳимтарин падидаҳои мусиқии суннатии тоҷикон ва ҷузъи муҳимми фарҳанги мусиқии мардуми кӯҳистон **муайян карда шудааст**.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад,** ки маводи диссертатсия барои омӯзиши амиқтари масъалаҳои назарияи жанр дар мусиқишиносӣ, таҳқиқи анъанаҳои мусиқии суннатии тоҷик, рушди фалакшиносӣ ва омӯзиши мероси мусиқии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон заминаи мусоиди илмӣ фароҳам меорад. Натиҷаҳои таҳқиқро метавон дар баррасии масъалаҳои назарӣ, таърихӣ ва амалии мусиқии суннатӣ, таҳияи дастурҳои таълимӣ ва анҷом додани таҳқиқоти минбаъда истифода намуд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ осори илмии мусиқишиносон, мақомшиносон, фолклоршиносон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавриди

омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф дар таҳқиқ аз консепсияҳои илмии мусиқишиноси тоҷик Ф. Азизӣ ва дастовардҳои муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла Ф. Шаҳобов, И. Раҷабов, Ф. Кароматов, В. Беляев, В. Виноградов, М. Баркашлӣ, У. Ҳоҷибеков, Т. Визго, мусиқишиносон А. Низомов, О. Матёқубов, А. Раҷабов, А. Ҷумъаев, О. Иброҳимов, Н. Ҳакимов, С. Худойбердиев, фолклоршиносон Р. Амонов, Н. Шакармамадов, В. Охониёзов, Ҳ. Таваккалов ва дигарон истифода намуда, масъалаҳои назариявии жанр, композитсия ва иҷрои фалакро дар заминаи маводи мушаххаси илмӣ **омӯхта ва истифода намудааст.**

Дар диссертатсия аз усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили мусиқишиносӣ ва таҳлили сохторию композитсионӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки мундариҷаи диссертатсия метавонад ҳамчун маводи таълимӣ зимни омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик, мусиқишиносӣ, мусиқии фолклорӣ, санъати фалак ва дигар фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода гардад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ барои фаъолияти эҷодии сароядагон, бастакорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони соҳаи мусиқии суннатӣ аҳаммияти муҳимми амалӣ доранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияҳои муосири мусиқишиносии ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дурустии маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи ҷамъоваришуда, истифодаи маводи экспедитсияҳои мусиқии этнографӣ, коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақилона ифода гардидани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ тасдиқ менамоянд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар ҷамъоварӣ ва ба нота даровардани намунаҳои фалак, иштирок дар экспедитсияҳои мусиқии этнографӣ, таҳлили муқоисавии анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва помирӣ, муайян намудани хусусиятҳои жанрии онҳо, омӯзиши адабиёти илмии соҳавӣ, таҳияи мақолаҳо ва пешниҳоди натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳо ва ҳамоишҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ зоҳир мегардад.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии баррасии масъалаҳо, истифодаи усулҳои таҳқиқоти мусиқишиносӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи

экспедитсионӣ, муайян намудани хусусиятҳои жанрии фалак, ба низом даровардан ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди тавсияҳо барои таҳқиқоти минбаъда ва интишори натиҷаҳои илмӣ фаъолона иштирок намудааст. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва фаъолияти чандинсолаи илмии муҳаққиқ буда, дар шакли диссертатсияи мукаммали илмӣ ба анҷом расидааст.

Дар ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон аз 11-уми июни соли 2026 дар бораи сазовор донистани Каримзода Саъдулло Салим ба дараҷаи илмии номзади илми санъатшиносӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои муштараки диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктарони илм, 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Аз 16 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои муштараки диссертатсионӣ,
доктори илмҳои санъатшиносӣ — Низомов Аслиддин

Котиби илмии шурои муштараки диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Шарифзода Лутфулло Абдулло

11-уми июни соли 2026